ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-150 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

(*қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295*)

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10 **ноябри соли 2026, №3**

Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи "Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо

Барои сазовор донистани Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ.

Диссерататсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи "Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо ба ҳимоя қабул карда шуд, протоколи №27 аз 09.07.2026, шурои диссертатсионии 6D.КОА-038-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, www.tnu.tj. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 06.09.2024, таҳти №318/шд ва 25.09.2026 №354/шд

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим 15-уми сентябри соли 1980 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 1999 ҳуҷҷатҳои худро ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ супорида, соли 2004 Донишгоҳи мазрурро бо ихтисоси «биология» хатм намудааст. Соли 2005 ҳуҷҷатҳои худро ба шуъбаи аспирантраи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон супорида, онро соли 2007 хатм намудааст. Аз соли 2007 то 2008 ҳамчун лаборант, аз соли 2008 то 2015 ассистент ва аз соли 2016 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи геоэкология фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Эргашев Абдуллоҷон - доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи растаниҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

- **Мирзораҳимзода Акобир Карим** – доктори илмҳои биологӣ профессор, ноиби президент-раиси Шуъбаи илмҳои биологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Давлатбек Суҳайло Худоёрбек** - номзади илмҳои биологӣ, декани факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев.

-Муассисаи пешбар: кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳои Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров,

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи "Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. физиология ва биохимияи растаниҳо дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. физиология ва биохимияи растаниҳо сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06. 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров, кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳо дар хулосаи додашудаи мусбати худ, ки аз тарафи **Ҳомидов Ё.Р.** номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳои Донишгоҳи мазкур (эксперт) ва аз ҷониби ректори донишгоҳ дотсент Набизода М.С. тасдиқ шуда, қайд гардидааст, ки довталаби дараҷаи илмӣ 14 интишороти илмӣ, ки аз онҳо 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва 5 фишурдаи маърӯзаҳо чопшуда дорад. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон дар мавзуи «Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият ва аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-12, 67 ва 69-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Дар тақриз дарҷ гардидааст, ки диссертатсияи пешниҳодшуда кори илмии ба итмом расонида буда, аз нигоҳи сохтор ва мундариҷа комил аст.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия саҳеҳ ва асоснок буда, ба ихтисоси 1.5.12. физиология ва биохимияи растаниҳо (илмҳои биологӣ) мувофиқат мекунад ва таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи

КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳои Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №3 аз 08 октябри соли 2026).

Дар ҷаласа 16 нафар устодони факултет иштирок карданд. Тарафдор 16 нафар, зид нест, бетараф нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия тавсия намудааст:

1. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда

[1-М]. А. Эргашев, К.А. Иброхимов Динамика площади листьев и высоты главного стебля подсолнечник в разных экологических условиях выращивания/ А.Эргашев, К.А.Иброхимов // Вестник педагогического университета (ТГПУ), №1, (29) 2008. – С. 107-111.

[2-М]. А. Эргашев, К.А. Иброхимов Фотосинтетическая продуктивность посевов подсолнечника / А.Эргашев, К.А. Иброхимов // Изд. АН РТ, отд. биол. и мед. Наук. 2008, №3 (164). – С.57-65.

[3-М]. К.А. Иброхимов Биологическая продуктивность сортов подсолнечника в разных климатических зонах юга Таджикистана/ К.А.Иброхимов // Вестник педагогического университета (ТГПУ). 2012, №2 (45). – С.39-44.

[4-М]. К.А. Иброхимов, А. Эргашев. Водообмен сортов подсолнечника в различных климатических зонах выращивания / А.Иброхимов, А.Эргашев // Вестник педагогического университета (ТГПУ), №6 (49) 2012. – С.293-297.

[5-М]. К.А. Иброхимов, А. Эргашев Влияние климатических условий на семенную продуктивность, масличность и химический состав семян подсолнечника/ К.А. Иброхимов, А. Эргашев // Вестник педагогического университета (ТГПУ), №3 (52),2013. – С.81-84.

[6-М]. К.А. Иброхимов, А. Эргашев Динамика роста, развития и продуктивности сортов подсолнечника в зависимости от климатических особенностей зоны выращивания // Вестник педагогического университета (ТГПУ), №1 (1), 2019. – С.160-166.

[7-М]. К.А. Иброхимов, А. Эргашев Биологическая продуктивность масличных сортов подсолнечника в разных климатических условиях Юга Таджикистана/ К.А. Иброхимов, А. Эргашев // Вестник педагогического университета (ТГПУ), №2 (14),2022. – С.192-197.

[8-М]. Қ.А. Иброҳимов, А. Эргашев Динамикаи сабзиш ва табодули обии растании офтобпараст дар шароити гуногуни иқлимии ҷануби Тоҷикистон / Қ.А. Иброҳимов, А. Эргашев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, №2 (14), 2022. – С.217-222.

[9-М]. Қ.А. Абдукаримзода Влияние климатических факторов на некоторые физиологические процессы сортов подсолнечника/ Қ.А. Абдукаримзода //Вестник педагогического университета (ТГПУ), №1 (25),2025. – С.140-145.

II. Мақолаҳои муаллиф дар конференсия, маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[10-М]. А.Эргашев, К.А.Иброхимов Экологические условия и продуктивность масличных сортов подсолнечника (HELIANTUS ANNUUS. L)/ А.Эргашев, К.А.Иброхимов //Матер. Международной научной конференции «Регуляция роста, развития и продуктивности растений» Минск, Беларусь, 28-30 ноябри 2007. – С.222.

[11-М]. А.Эргашев, К.А. Иброхимов Влияние климатических условий на рост и развитие сортов подсолнечника/ А.Эргашев, К.А. Иброхимов // Матер Респ. науч. конф. посвящ 120 - летию акад. Н.И. Вавилова Душанбе, 30 .10.2007. – С.81-83.

[12-М]. А.Эргашев, К.А.Иброхимов Параметры биологической продуктивности подсолнечника в различных климатических зонах выращивания/ А.Эргашев, К.А.Иброхимов // Маводҳои конф. илми-амалии ҷумхурияви «Вазъи кунуни, проблема, дурнамои ҳифз ва истифодаи окилонаи сарватҳои табиии Тоҷикистон» бахшида ба муносибати 100-солагии ходими хизмат. илм, узви вобастаи АИ ҶТ, проф. Шукуров О.Ш. (26.04.2008). – С.120-122.

[13-М]. А.Эргашев, К.А.Иброхимов Фотосинтетическая продуктивность посевов масличных сортов подсолнечника в разных природно-климатических условиях юга Таджикистана / А.Эргашев, К.А.Иброхимов //Матер.науч. конф., посвящ памяти акад. Ю.С. Насырова (Душанбе, 23.10.2008). – С.135-137.

[14-М]. К.А.Иброхимов, А.Эргашев Рост, развитие и продуктивность подсолнечника в разных климатических зонах юга Таджикистана/ К.А.Иброхимов, А.Эргашев // Охрана природы Республики Таджикистана, 2013. – С.20-21.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:

1. Мудири лабораторияи генетикаю селексияи растаниҳои Институти биологии Помири Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви-вобастаи АМИТ, доктори илми кишоварзӣ, профессор Абдуламонов Қ. ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёбӣ гардидааст.

2. Дотсенти кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур номзади илмҳои биологӣ Қосумбекова Ф. А. ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёбӣ гардидааст.

3. Мудири кафедраи биотехнологияи факултети биологияи ДМТ номзади илмҳои биологӣ Сайфиддинов А. доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намуда, мусбат арзёбӣ намудааст.

Дар тақризҳо муҳиммияти мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада дарҷ гардидаанд. Инчунин кори диссертатсионии Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим таҳқиқоти ба анҷомрасидаи тахассусии илмие мебошад, ки ба ихтисоси 1.5.12. физиология ва биохимияи растаниҳо мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори гирифтани

дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ мебошад. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо нисбат ба соҳаи физиология ва биохимия растаниҳо ба дастовардҳои хуб ноил гаштаанд, дар ин соҳа корҳои илмӣ аз рӯйи мавзуи интихобшуда таълифотҳои илмӣ доранд, аз ин лиҳоз ба кори диссертатсонӣ оид ба мубрамияти мавзуъ, навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада баҳои холисона дода метавонанд.

Интихоби муқаризони расмӣ аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда буда, мутахассисони варзидаи соҳаи физиология мебошанд. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишвар ба шумор рафта дар он мутахассисони варзидаи соҳаи физиологияи растаниҳо ба фаъолияти илмӣ машғул мебошанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ: **коркард карда шуд:** Дар шароити минтақаҳои гуногуни экологии Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ бори нахуст хусусиятҳои физиологию биокимиёвии навъҳои равғандиҳандаи офтобпараст таҳқиқ шудааст. Дар таҳқиқот таъсири шароити минтақаҳои иқлимӣ, хусусан реҷаи ҳарорат ва намнокии ҳаво ба равандҳои маҳсулнокӣ ва фаъолияти фотосинтетикии растанӣ вобаста аз хусусиятҳои хоси навъҳои офтобпараст тасниф ва илман асоснок карда шудаанд. Нақши омилҳои иқлимӣ дар ташаккулёбии ҳосилнокии биологӣ ва хоҷагидории навъҳои равғандиҳандаи офтобпараст зоҳир карда шудааст. Маълумотҳои таҷрибавӣ оид ба таъсири омилҳои иқлимӣ ба маҳсулнокии биологӣ ва сифати дон ҷойгиркунии мақсадноки навъҳои равғандиҳандаи офтобпарастро дар минтақаҳои гуногуни дорои захираҳои зиёди ҳарорати мусбӣ ва намнокии кофии ҳаворо илман исбот менамоянд.

Пешниҳод шудааст, ки Дар минтақаи захираи термикиаш зиёд ва намнокии нисбиаш нисбатан пасти иқлими ҷануби Тоҷикистон (водии Вахш) кишти навъҳои серравғани офтобпараст («ВНИИМК-8883», «Саратовӣ-85») ҳамчун зироати асосӣ (дар кишти баҳорӣ) тавсия карда мешавад. Ин барои ба даст овардани 2,5-3,0 т/га ҳосили дони офтобпараст мусоидат менамояд.

Дар минтақаҳои захираи термикиашон кам ва намнокии нисбии ҳаво нисбатан баланди ҷануби Тоҷикистон (ноҳияи Мӯъминобод ва минтақаҳои ба он ҳамшафат), хоҷагиҳои деҳқонӣ, кооператив ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ кишти навъҳои равғандиҳандаи офтобпараст («Донии калондона» ва ғайра) ҳамчун зироати асосӣ (дар кишти баҳорӣ) тавсия дода мешавад. Ин барои ба даст овардани 3,0-3,5 т/га ҳосили дон имконият медиҳад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо ин асоснок карда шудааст, натиҷаҳои омӯзиши усулҳои самараноки парвариш ва коркарди тухми офтобпарастро дар шароитҳои гуногуни иқлимии Тоҷикистони Ҷанубӣ татбиқ намудан мумкин аст. Маводҳои ҷамъоваришуда ва таҳлилгардида метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмил додани усулҳои парвариши зироатҳои кишоварзӣ дар шароити гуногуни иқлимӣ истифода бурда шаванд. Истифодаи чунин маълумотҳо имконият медиҳад, ки бо дарназардошти хусусиятҳои омилҳои табиӣ минтақаҳои гуногуни мамлакат, самаранокии чораҳои агротехникӣ баланд бардошта шавад, ки ин ба рушди устувор ва ҳосилнокии растаниҳо мусоидат менамояд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот – Асоснокӣ ва эътимоднокии ҳар як натиҷаи бадастоварда бо коркарди миқдори зиёди маводҳои таҷрибавӣ ба исбот расонда шудааст. Таҳқиқот дар мӯҳлати 3 сол дар се минтақаи водии Вахш: ноҳияи А. Ҷомӣ - қитъаи Мушкурут, водии Ҳисор - қитъаи таҷрибавии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ, минтақаи кӯҳсори Кӯлоб - ноҳияи Мӯъминобод- қитъаи Навбаҳор, гузаронида шуданд.

Таҳқиқоти анҷомёфта дар асоси равишҳои васеи методологӣ, ки он ҳам усулҳои классикии анъанавӣ ва ҳам методҳои муосири таҳлили илмиро дар бар мегирад, гузароинда шуданд. Маълумотҳои дар раванди таҳқиқоти илмӣ бадастомада бо дар асоси тафсирҳои математикӣ ҳамаҷониба коркард гардида, он ба таъмин намудани объективият ва эътимоднокии тафсири натиҷаҳо мусоидат менамояд. Баррасии хулосаҳои таҳқиқот бо дарназардошти таҳлили муқоисавии маводи қаблан ҷамъшудаи илмӣ, ки дар адабиёти хусусӣ вобаста ба ин масъала инъикос ёфтааст, сурат гирифт. Хулосаҳои калидӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада дар маърӯзаҳо зимни конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналхалкӣ ироа гардида, ҳамчунин дар шакли мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ: Довталаби кори диссертатсионӣ дар ҳамаи марҳилаҳои иҷрои таҳқиқоти илмӣ бевосита ва фаъолона иштирок намудааст. Фаъолияти ӯ доираи васеи вазифаҳои аз банизомдарории раванди таҳқиқот, таҳлил ва баррасии интиқодии адабиёти махсуси илмӣ аз мониторинг то коркарди маълумоти бадастомада, тафсиру маънидод намудани онҳо ва таҳияи хулосаҳои асоснок дар бар мегирад. Нақши назарраси муаллиф ҳамчунин дар таҳия ва сохторбандии маводҳои илмӣ мутобиқ ба мавзуи диссертатсия, инчунин дар таҳияи мустақилона ва омода мазмун ва сохтани матни кори илмӣ ифода ёфтааст. Қисми амалӣ-таҷрибавии таҳқиқот ҳам дар шароити таҷрибаҳои саҳроӣ ва ҳам дар озмоишгоҳ амалӣ карда шудааст. Ҳамаи марҳилаҳои асосии таҷрибаҳо бевосита аз ҷониби муаллиф бо дастгирии машваратии роҳбари илмӣ иҷро гардидаанд. Саҳми муҳаққиқ дар ташкилу баргузорӣ ва таҳлилу баррасии илмии натиҷаҳои таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишӣ ҳалкунанда буда, зиёда аз 95 фоизи ҳаҷми умумии кори иҷрошударо ташкил медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз мукаддима, чор боб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, рӯйхати адабиёти истифодашудаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 156 саҳифа иборат буда, 11 расм, 4 диаграмма ва 24 ҷадвалро дар бар гирифтааст.

Дар маҷлис 10-уми ноябри соли 2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим бо дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. физиология ва биохимияи растаниҳо қабул гардид.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 12 - нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 3- нафар, аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 - нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, 12

нафар иштирок доштанд ва овоз доданд: тарафдор – 12, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раисикунандаи шурои
диссертатсионӣ д.и.б., Бобоев М.Т.

Котиби шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ,
дотсент Ҳамидзода Х.Н.

10.11.2026